Ба Шурои диссертатсионии 6D-KOA.001 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба кори диссертатсионии Музафарзода Фазлиддин дар мавзӯи «Ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар шароити низоми нави ҷаҳонӣ (нигоҳи геополитикӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз руйи ихтисоси 23.00.04 – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия.** Диссертатсияи Музафарзода Фазлиддин фарогири яке аз масъалаҳои муҳимми соҳаи илмҳои сиёсӣ мебошад. Зеро омӯзиши масъалаи манфиатҳои миллӣ дар шароити тағйирпазирии вазъи ҷаҳони муосир, инкишофи равандҳои глобализатсионӣ ва сатҳи таъсиррасонии он ба падидаю ҳодисаҳои дигари ҳаёти сиёсӣ дар шароити муосир яке аз мавзуъҳои асосӣ дар низоми донишҳои сиёсӣ ба ҳисоб меравад.

Дар илми сиёсии муосир омӯзиши масъалаҳои назариявӣ ва методологии манфиатҳои миллӣ ва таҳлилу таҳқиқи онҳо дар мадди аввал қарор дорад. Дар маънидодкунии мазмуни мафҳуми «манфиатҳои миллӣ» дар илмҳои ҷомеашиносӣ, махсусан илмҳои сиёсӣ байни олимони соҳа баҳсҳои зиёд ҷой доранд. Таҳлилу таҳқиқи мавзуи мазкур вобаста ба масъалаҳои назариявӣ ва методологӣ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ якранг сурат нагирифтааст.

Бахусус, таҳқиқи он дар шароити муносибатҳои ҷамъиятии давраи гузариши сиёсӣ аҳамияти махсуси илмию амалиро соҳиб аст. Аз ин ҷост, ки таҳқиқи падидаи “манфиатҳои миллӣ” дар раванди сиёсии ҷаҳонӣ махсусиятҳо ва дурнамои инкишофи он аҳамияти махсус пайдо намуда, дар таҳкиму такмили низоми нави давлатдории миллӣ ҷойгоҳи хосаро касб менамояд.

Диссертатсияи Музафарзода Фазлиддин дар мавзуи «Ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар шароити низоми нави ҷаҳонӣ (нигоҳи геополитикӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.04 – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои

диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми ноябри соли 2021, таҳти №311/01 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

Манфиатҳои миллӣ муайянкунандаи тамоми навъи муносибатҳо шинохта мешаванд. Аз ин рӯ, дар олами муосир таваҷҷуҳи тамоми давлатҳо ба масъалаи мазкур равона гардидааст. Дар шароити мураккаб гардидани вазъияти сиёсии ҷаҳони муосир, воситаҳои татбиқнамоии манфиатҳои миллӣ низ муракаб гардида истодаанд. Ҳолати мазкур метавонад таъсири манфии худро дар ин самт ба давлатҳои рӯ ба инкишоф расонад. Бояд ба назар гирифт, ки манфиатҳои миллӣ омили муҳимтарини сиёсати дохилию хориҷии Ҷумҳурии Тоҷкистон маҳсуб мeёбад. Дарку фаҳми он чандон кори осон нест, аммо шинохти он муҳим ва зарурӣ аст. Аз ин лиҳоз, зарурати шадиди ҳам илм ва ҳам ҷомеа ба донишҳои нави муосир дар бораи омӯзиши манфиатҳои миллӣ ба рушди давлат ва муносибатҳои иҷтимоии Тоҷикистони навин дар сатҳи муносибатҳои ҷаҳонӣ меҳварӣ мебошад. Бо таваҷҷуҳ ба воқеияти сиёсии ҷаҳони имрӯза ва бар асоси таҳлили вазъи Тоҷикистон зарур аст, ки тамоюли дурнамои манфиатҳои миллӣ, ки дар ояндаи дуру наздик ба кадом самт ҳаракат менамояд, муайян карда шавад.

Саҳми илмии муаллиф дар омӯзиши масъалаи мазкур дар он аст, ки ӯ дархостҳои худро мураттаб сохта, пешниҳодоти амалӣ ва пешбиниҳои илмиро дар мавриди масъалаҳои таҳқиқшаванда иброз намудааст. Муаллиф дар рафти таҳқиқи масъалаҳои гуногуни назариявию амалии манфиатҳои миллӣ асарҳои зиёди олимони хориҷиву ватаниро истифода намуда, кӯшидааст, ки онҳоро ба сифати манбаъ ва захираҳои сатҳи гуногун истифода намояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои навгониҳои илмӣ мебошад. Дар диссертатсия нуктаҳои илмие ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ки онҳо дар замони муосир навгонии илмӣ маҳсуб мeёбанд. Натиҷа ва нуктаҳои навини илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

**Мақсади асосии таҳқиқоти диссертатсиониро** таҳлилу баррасӣ ва омӯзиши манфиатҳои миллӣ дар раванди инкишофи сиёсии кишвар, муайян намудани заминаҳо ва махсусиятҳои ҳимояшавандагии манфиатҳои миллӣ, мақому нақш ва сатҳи таъсиррасониҳо ва дурнамои он дар шароити Тоҷикистони навин ташкил медиҳанд. Барои амалисозии

мақсади асосӣ ҳалли масъалаҳо ва вазифаҳои зерин аҳамияти зарурӣ пайдо менамоянд:

- омӯзиши асосҳои назариявӣ ва методологии манфиатҳои миллӣ, муайян намудани моҳият, мазмун ва хусусиятҳои онҳо;
- таҳқиқи заминаҳо ва механизмҳои сиёсии ташаккули низоми нави ҷаҳонӣ, асосноккунии моҳият ва хусусиятҳои он;
- таҳлил ва муайян намудани қонунияти ташаккули таълимоти нав оид ба зарурат ва моҳияти низоми нави ҷаҳонӣ;
- муайян намудани хусусияти манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва механизмҳои таъмини ҳимояи онҳо дар низоми нави ҷаҳонӣ;
- муайян ва асоснок намудани ҷанбаҳои таҳдидовари низоми нави сиёсӣ ба манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пешниҳоди механизмҳои самараноки муқовимат ба он;
- таҳқиқи вазъи геополитикии муосир ва асосноккунии таъсири равандҳои сиёсӣ ба осебпазирии манфиатҳои миллӣ дар Тоҷикистон.

Тасвиби натиҷаҳои диссертатсия дар корҳои нашргардида. Автореферат ва корҳои илмие, ки дар мавзуи таҳқиқотӣ чоп гардидаанд мазмуни асосии рисолаи диссертатсиониро ба таври зарурӣ инъикос менамоянд. Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар 19 мақолаҳои илмӣ баён гардидаанд, ки аз онҳо 11 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Ҳамчунин, нуктаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳо ва семинарҳои гуногуни илмию амалии донишгоҳию ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ аз ҷониби муаллиф дар шакли маърӯза пешниҳод гардидаанд.

Диссертатсия аз номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, ду боб, ки дарбаргирандаи шаш зербоб аст, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсияро 169 саҳифаи матни компютерӣ ташкил медиҳад.

Муаллиф боби якуми диссертатсияро - “Масъалаҳои назариявию методологии омӯзиши масъалаи манфиатҳои миллӣ дар низоми нави ҷаҳонӣ” номгузорӣ намудааст, ки он аз се зербоб иборат мебошад. Зербоби якуми он “Ҷанбаҳои назариявии масъалаи манфиатҳои миллӣ: моҳият, мазмун ва хусусиятҳои он” ном дорад. Дар зербоби аввали боби якум муллиф ба масъалаҳои методологияи таҳқиқи манфиатҳои миллӣ рӯ оварда чунин мешуморад, ки мафҳуми «манфиатҳои миллӣ» аз замонҳои

қадим маълум аст. Онро ҳанӯз Фукудид барои ифодаи муносибатҳои давлатҳои замонаш – Афина ва Спарта истифода кардааст.

Дар омӯзиши масъалаи мазкур хусусан мактабҳои илмии сиёсии амрикоӣ нақши назаррас бозида, онҳо яке аз пешоҳангони илмҳои сиёсӣ дар масъалаи мазкур ба ҳисоб меравaнд. Мафҳуми «манфиатҳои миллӣ» вақте ки соли 1935 ба луғати илмҳои иҷтимоии Оксфорд ворид шуд, тобиши илмӣ пайдо намуд. Баъд аз Ҷанги дуюми ҷаҳон ба масъалаи мазкур таваҷҷуҳ бештар мегардад. Беҳуда набуд, ки гуногунандешӣ ва баҳсҳои доманадори масъалаи мазкурро Г. Моргентау «мубоҳисаи бузург» номидааст.

Дар зербоби дуюми боби якуми рисола муаллиф таъкид месозад, ки масъалаи низоми нави ҷаҳонӣ, хусусиятҳои ташаккул ва инкишофи он дар олами муосир ба яке аз муҳимтарин ва диққатҷалбкунандатарин масъалаи замон табдил ёфтааст. Чунки муносибатҳои байни давлатҳо дар ҳоли зиддият ва муқовиматҳо қарор доранд ва ҳар кадом аз ин давлатҳо мехоҳад, ки дар асоси ҳадафу манфиатҳои геополитикию геостратегии хеш низоми ҷаҳониро баҳо диҳад.

Дар зербоби сеюми боби дуюм қонуниятҳои ташаккули таълимотҳо оид ба низоми нави ҷаҳонӣ мавриди арзёбӣ қарор гирифтаанд. Дар низоми сиёсии олам ва тамоюлҳои асосии инкишофи он муносибатҳои байниҳамдигарии акторҳои асосии сиёсати ҷаҳонӣ мақом ва нақши хоссаро касб менамояд. Давлатҳои миллӣ, ки новобаста аз андешаҳо ва таълимотҳои мухталифи глобалистҳо дар низоми муносибатҳои байналхалқӣ нақши пешбар ва ҳалкунанда доранд, аз омилҳо ва ҳолатҳои мухталиф истифода намуда, кӯшиши ҳалли муваффақонаи масъалаҳоро дар доираи манфиатҳои хеш медонанд.

Боби дуюми диссертатсияи Музафарзода Ф. - “Низоми нави ҷаҳонӣ ва воқеияти амалишавии манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир” аз се зербоб иборат мебошад. Зербоби якуми боби мазкур “Манфиатҳои миллӣ ва механизмҳои таъмини ҳимояи онҳо дар низоми нави ҷаҳонӣ” ном гирифта, заминаҳои сиёсии он нишон дода шудааст.

Муаллиф ишора менамояд, ки давлат доимо дар сиёсати дохилӣ ва хориҷии худ барои ҳимояи манфиатҳои миллии худ талош менамояд. Равандҳои мазкур баъзан дар шакли мубориза ва гоҳе дар шакли ҳамкорӣ зоҳир мегарданд. Шаклҳои мубориза ва ё ҳамкорӣ аз манфиатҳои миллии мамлакат вобастааст, зеро давлатҳо барои ҳимояи манфиатҳои миллии худ манбаъҳои мухталиф ва технологияҳои

гуногунро истифода намуда, натичаҳои нобаробар ба даст меоранд. Дар чунин ҳолат афзалияти як давлат нисбати дигар давлат мушоҳида мешавад ва дар ниҳоят бархӯрди манфиатҳоро ба вучуд меорад. Бархӯрди манфиатҳои миллӣ инъикоси таъмини талоши афзалияти як давлат аз болои давлати дигар мебошад. Чунин ҳолат тавлидкунандаи таҳдидҳо мебошад.

Зербоби дуюми боби дуюм «Ҷанбаҳои таҳдидовари низоми нави чаҳонӣ ба манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ном гирифтааст. Муаллиф чунини мешуморад, ки амнияти миллӣ қисми таркибии манфиатҳои миллӣ ба шумор рафта, таъмини онро бе омодагии муайян тасаввур кардан номумкин аст. Баланд шудани қудрати мудофиавии давлат, ҳимояи боэътимоди марзи давлатӣ, таҳкими нуфузи байналмилалии кишвар, муҳофизати дастовардҳои таърихӣ, маданӣ ва фарҳангӣ дар таъмини амнияти давлатӣ мақоми хоссаро соҳибанд. Ҳар яке аз ин принсипҳо метавонад дар амалияи чамъиятӣ истифодаи усулҳои мушаххасеро талаб намоянд.

Ҳангоми таҳлилу хулосагириҳо ба чунин андеша омадан мумкин аст, ки таъмини манфиатҳои миллии Тоҷикистон аз масъалаҳои зерин иборат аст: таъмини ваҳдати миллӣ ва оромии вазъи иҷтимоию сиёсӣ, таъмини тамомияти арзии Тоҷикистон ва ҳимояи дахлнопазирии сарҳадот; мубориза бар зидди маҳалгароӣ ба хотири ташаккули шуури ягонагии миллӣ ва таъмини афзалиятҳои манфиатҳои миллӣ, такмили ҳифзи саломатии аҳолӣ, ҳимояи ҳуқуқи шаҳрвандони Тоҷикистон ва дастгирии тоҷикони бурунмарзӣ, мубориза бар зидди камбизоатӣ, рушди иқтисоди бозорӣ ва бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ, мусоидат намудан ба демократияи воқеӣ, ҳамкорӣ ва муносибат бо созмонҳои байналхалқӣ ва бо кишварҳои хориҷӣ баҳри вориди озодонаи Тоҷикистон ба иқтисодиёту сиёсати чаҳонӣ, таъмини амният ва бехатарии кишвар, раҳоӣ аз хавфҳои дохилӣ ва берунӣ ва ғайраҳо.

Зербоби сеюми боби дуюм “Вазъи геополитикии муосир ва таъсири он ба осебпазирии манфиатҳои миллӣ” ном гирифтааст. Вобаста ба вазъи муосири геополитикӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон талош бар он менамояд, ки мавқеи худро дар раванди низоми нави чаҳонӣ муайян ва мустаҳкам намуда, дар ҳифзи манфиатҳои миллию геополитикӣ амалҳои зарурӣ анҷом диҳад. Мақсади асосиро муайян намудани мақом ва нақши геополитикии Тоҷикистон ва ҳимояи ҳамаҷонибаи он дар сиёсати чаҳонӣ ташкил медиҳад. Вобаста ба ин айни ҳол давлат сиёсати дохилию

хориҷиашро дар асоси ҳимояи манфиатҳои миллию геополитикӣ ва геостратегӣ созмон дода, дар муносибатҳои байниҳамдигарии сатҳи гуногун байни акторҳои сиёсати ҷаҳонӣ фаъол гашта, бахри ҳалли масъалаҳои мураккаб талош намуда истодааст.

Хулосаву натиҷаҳо ва тавсияҳои пешниҳоднамудаи муаллиф аҳамияти муҳимми илмию назариявӣ ва амалиро соҳибанд, зеро онҳо барои муайян кардани самтҳои асосии ҳифзи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳ ва воситаҳои такмили онҳо мусоидат менамоянд.

Бо вуҷуди ҳамаи ин муваффақиятҳо дар диссертатсияи Музафарзода Фазлиддин баъзе норасогиҳо мавҷуданд, аз ҷумла:

1. Дар диссертатсия муаллиф мафҳум ва моҳияти манфиатҳои миллиро аз нуқтаи назари донишмандони соҳа мавриди таҳлил қарор дода бошад ҳам, вале роҳу воситаҳои ҳимояи манфиатҳои миллиро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон шарҳи пурра надодааст.

2. Дар зербоби дуюми боби II муаллиф «Қонуниятҳои ташаккули таълимотҳо оид ба ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар равандҳои сиёсии низоми нави ҷаҳонӣ” - ро мавриди таҳлил қарор додааст, вале мавқеи муаллиф ҳангоми хулосабарории масъала чандон равшан нест.

3. Мафҳуми “манфиатҳои миллӣ” бештар аз ҷониби мактабҳои назарияи равобити байналмилал пажӯҳиш шудаанд, вале дар кори диссертатсионӣ тафсири ин мафҳум аз дидгоҳи онҳо оварда нашудааст.

4. Муаллиф ҳангоми омӯзиши масъалаҳои назариявию методологии таҳқиқи манфиатҳои миллӣ дар шароити низоми нави ҷаҳонӣ ба таҳқиқотҳои муҳаққиқони Ғарб ва рус бештар такя намуда, ба таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ камтар таваҷҷуҳ намудааст. Беҳтар мебуд, ки муаллиф ҳангоми таҳқиқи манфиатҳои миллӣ, аз андешаҳои муҳаққиқони тоҷик низ васеътар истифода менамуд.

Хулоса, диссертатсияи Музафарзода Фазлиддин дар мавзуи «Ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар шароити низоми нави ҷаҳонӣ (нигоҳи геополитикӣ)» ба талаботи банди 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори шарафёб гаштан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.04 – Проблемахои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ мебошад. Тақриз ба талаботи банди 79-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
И в дотсенти кафедраи сиёсатшиносии
ДДОТ ба номи С. Айнӣ,
Доктори фалсафа (PhD), доктор
аз руйи ихтисоси- Сиёсатшиносӣ АмировТ.Ш.

**Имзои Амиров Т.Ш. – ро тасдиқ менамоям:**
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи С. Айнӣ Мустафозода А.

Суроғаи муассисаи пешбар:
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакй 121.
Тел: (+992 37) 224-13-83
WWW:tgpu.tj